# СОЗИШНОМА
# БАЙНИ ЧУМХУРИИ ХАЛКИИ ХИТОЙ ВА ЧУМХУРИИ ТОЧИКИСТОН ДАР БОРАИ САРХАДИ ДАВЛАТИИ ХИТОЙ ВА ТОЧИКИСТОН

Чумхурии Халкии Хитой ва Чумхурии Точикистон, ки аз ин пас "Тарафхои Ахдкунанда" номида мешаванд, ба максади дакик ва муайян намудани гузариши хати сархади давлатии Хитою Точикистон дар минтакахои мавриди тавофуки он, ба мувофикати зер расиданд:

## МОДДАИ 1

Тарафхои Ахдкунанда дар асоси паймонхо оид ба сархади хозираи Хитою Точикистон, мутобики меъёрхои пазируфтаи хукуки байналхалки, дар рухи машваратхои баробархукук, хусни тафохум ва гузашткории хар ду чониб, инчунин дар асоси мувофикатхое, ки дар чараёни гуфтушунидхо оид ба масъалахои сархади хосил шуда буданд, мувофикат намуданд, ки масъалахои сархадии байни Хитою Точикистонро, ки аз таърих боки мондаанд, одилона ва окилона хал намоянд, гузариши хати сархади байни хар ду давлатро дакик ва муайян кунанд.

## МОДДАИ 2

Тарафхои Ахдкунанда дар бобати гузариши зерини хати сархади давлатии байни Хитою Точикистон мувофикат намуданд:

Нуктаи якуми марзии сархади давлатии Хитою Точикистон дар тегаи каторкухи Паси Олой (каторкухи беном) дар баландии бо нишонаи 6406 вокеъ аст. Ин нуктаи марзи дар масофаи такрибан 3,0 км ба шимолу шарк аз баландии бо нишонаи 5834, ки дар каламрави Точикистон мебошад, такрибан 4,5 км ба гарб аз баландии бо нишонаи 5431 ва такрибан 2,5 км ба гарб ва шимолу гарб аз баландии бо нишонаи 5318, ки дар каламрави Хитой мебошанд, вокеъ аст.

Аз нуктаи якуми марзи хати сархади давлатии Хитою Точикистон бо тегаи каторкухи беном аз тарики баландии бо

нишонаи 6149, агбаи беном бо нишонаи 5055 (агбаи Чанкан - Ашибел) ба чануб меравад, сипас ба гарб ва чанубу гарб гардиш намуда, аз тарики баландихои бо нишонахои 5215, 5375, 4974 ва 5122 (куллаи Ортоканаш - Тоо) то нуктаи дуюми марзи мерасад. Ин нуктаи марзи дар тегаи каторкухи беном дар баландии беном дар масофаи такрибан 1,3 км ба чануб ва чанубу гарб аз баландии бо нишонаи 4682 ва такрибан 3,5 км ба гарб ва чанубу гарб аз баландии бо нишонаи 4848, ки дар каламрави Точикистон хастанд , такрибан 2,9 км ба гарб аз баландии бо нишонаи 4902, ки дар каламрави Хитой мебошад, вокеъ аст.

Аз нуктаи дуюми марзи хати сархади давлатии Хитою Точикистон бо тегаи каторкухи беном ба чанубу шарк аз тарики баландихои бо нишонахои 4928, 4688 ва агбаи беном (Кизил-бел) то нуктаи сеюми марзи меравад. Ин нуктаи марзи дар тегаи каторкухи беном дар баландии беном дар масофаи такрибан 5,4 км ба шарк аз баландии бо нишонаи 4615, ки дар каламрави Точикистон аст, такрибан 1,9 км ба чануб ва чанубу гарб аз баландии бо нишонаи 4302 ва такрибан 0,8 км ба чанубу гарб аз баландии бо нишонаи 4322, ки дар каламрави Хитой мебошанд, вокеъ аст.

Аз нуктаи сеюми марзи хати сархади давлатии Хитою Точикистон бо тегаи каторкухи беном аз тарики баландии бо нишонаи 4248 ба самти чанубу гарб меравад, сипас гардиш намуда, ба самти чануб меравад ва бо тегаи каторкухи номбурда ба дарёи Маркансу то нуктаи чоруми марзи мефарояд. Ин нуктаи марзи дар миёнаи чараёни об ё миёнаи шохаи асосии дарёи Маркансу дар масофаи такрибан 1,7 км ба шимолу шарк аз баландии бо нишонаи 4532 ва такрибан 1,2 км ба чанубу шарк аз баландии бо нишонаи 4249, ки дар каламрави Точикистон хастанд, такрибан 2,5 км ба гарб ва шимолу гарб аз баландии бо нишонаи 4865, ки дар каламрави Хитой мебошад, вокеъ аст.

Аз нуктаи чоруми марзи хати сархади давлатии Хитою Точикистон бо тегаи каторкухи беном боло меравад ва руи вай ба самти умумии чанубу гарб то баланди бо нишонаи 4322 ва сипас бо хати рост ба самти шарк ва чанубу шарк меравад ва то нуктаи панчуми марзи мерасад. Ин нуктаи марзи дар тегаи каторкухи беном дар баландии беном дар масофаи такрибан 2,9 км ба шарк ва шимолу шарк аз баландии бо нишонаи 5001 ва

такрибан 1,8 км ба шарк аз баландии бо нишонаи 4532, ки дар каламрави Точикистон хастанд, такрибан 1,7 км ба гарб аз баландии бо нишонаи 4665, ки дар каламрави Хитой мебошад, вокеъ аст.

Аз нуктаи панчуми марзи хати сархади давлатии Хитою Точикистон бо тегаи каторкухи беном ба самти чанубу шарк аз тарики баландии бо нишонаи 4641 то баландии бо нишонаи 5253 меравад, сипас гардиш намуда, ба чанубу гарб аз тарики баландии бо нишонаи 5324 то куллаи Командирони Сурх бо нишонаи 5846, ки дар тегаи каторкухи Сарикул чойгир аст, меравад, сипас ба шарк ва чанубу шарк гардиш намуда, бо тегаи каторкухи Сарикул аз тарики баландии бо нишонаи 5564 то нуктаи шашуми марзи мерасад. Ин нуктаи марзи дар тегаи каторкухи Сарикул дар баландии бо нишонаи 5484 дар масофаи такрибан 3,3 км ба шарк аз баландии бо нишонаи 5579, ки дар каламрави Точикистон аст, такрибан 1,5 км ба чануб аз баландии бо нишонаи 4876 ва такрибан 2,0 км ба гарб ва чанубу гарб аз баландии бо нишонаи 5402, ки дар каламрави Хитой мебошанд, вокеъ аст.

Аз нуктаи шашуми марзи хати сархади давлатии Хитою Точикистон бо тегаи каторкухи Сарикул ба самти чануб то кухи Кон-Чукурбоши (Сапаэркулэтсзилэгатао) бо нишонаи 5815 меравад, сипас гардиш намуда, ба самти умумии шарк аз тарики баландии бо нишонаи 5597 то баландии бо нишонаи 5630 меравад, сипас гардиш намуда, ба чануб ва чанубу шарк аз тарики баландихои бо нишонахои 5594, 5457, 5382, 5306 то баландии бо нишонаи 5662 рафта, сипас гардиш намуда, ба чанубу гарб то нуктаи хафтуми марзи мерасад. Ин нуктаи марзи дар баландии беном дар тегаи каторкухи Сарикул дар масофаи такрибан 2,9 км ба шимол аз баландии бо нишонаи 5189 ва такрибан 2,5 км ба шарк ва шимолу шарк аз баландии бо нишонаи 5058, ки дар каламрави Точикистон хастанд, такрибан 6,3 км ба гарб ва чанубу гарб аз баландии бо нишонаи 5509, ки дар каламрави Хитой мебошад, вокеъ аст.

Аз нуктаи хафтуми марзи хати сархади давлатии Хитою Точикистон бо тегаи каторкухи Сарикул ба самти шарк ва чанубу шарк то нуктаи хаштуми марзи меравад. Ин нуктаи марзи дар тегаи каторкухи Сарикул дар масофаи такрибан

5,1 км ба шимол ва шимолу шарк аз баландии бо нишонаи 5684 ва такрибан 3,7 км ба шимолу шарк аз баландии бо нишонаи 5189, ки дар каламрави Точикистон хастанд, такрибан 4,5 км ба шимолу гарб аз баландии бо нишонаи 5562, ки дар каламрави Хитой мебошад, вокеъ аст.

Аз нуктаи хаштуми марзи хати сархади давлатии Хитою Точикистон бо тегаи каторкухи Сарикул ба самти чануб ва чанубу шарк аз тарики баландихои бо нишонахои 5909.0, 5761, 5691 ва 5648 то зингах бо нишонаи 5354 меравад, сипас гардиш намуда, ба самти умумии шарк ва шимолу шарк аз тарики баландихои бо нишонахои 5450, 5590 ва 5667 рафта, то нуктаи нухуми марзи мерасад. Ин нуктаи марзи дар баландии беном дар тегаи каторкухи Сарикул дар масофаи такрибан 3,5 км ба шимолу шарк аз баландии бо нишонаи 5294, ки дар каламрави Точикистон аст, такрибан 1,8 км ба чануб ва чанубу гарб аз баландии бо нишонаи 5881, такрибан 2,9 км ба шимолу гарб аз баландии бо нишонаи 4815, ки дар каламрави Хитой мебошанд, вокеъ аст.

Аз нуктаи нухуми марзи хати сархади давлатии Хитою Точикистон бо тегаи каторкухи Сарикул ба самти чануб ва чанубу шарк то агбаи Кароарт (Калитадавон) бо нишонаи 4791 меравад, сипас гардиш намуда, ба самти чануб аз тарики баландии бо нишонаи 5749 то нуктаи дахуми марзи меравад. Ин нуктаи марзи дар баландии бо нишонаи 5692 дар тегаи каторкухи Сарикул дар масофаи такрибан 3,1 км ба чануб ва чанубу шарк аз баландии бо нишонаи 5882, ки дар каламрави Точикистон аст, такрибан 2,0 км ба шимолу гарб аз баландии бо нишонаи 5730 ва такрибан 2,8 км ба шимол ва шимолу шарк аз баландии бо нишонаи 5142, ки дар каламрави Хитой мебошанд, вокеъ аст.

Аз нуктаи дахуми марзи хати сархади давлатии Хитою Точикистон бо тегаи каторкухи Сарикул ба самти умумии гарб ва шимолу гарб аз тарики баландихои бо нишонахои 5735, 5857, 5697 ва 5776 меравад, сипас гардиш намуда, ба самти умумии чануб ва чанубу гарб аз тарики баландихои бо нишонахои 5542, 5801 ва 5262.0 то нуктаи ёздахуми марзи мерасад. Ин нуктаи марзи дар тегаи каторкухи Сарикул дар баландии бо нишонаи 5585 дар масофаи такрибан 3,5 км ба шимолу шарк аз баландии

бо нишонаи 5783 ва такрибан 2,7 км ба шарк ва чанубу шарк аз баландии бо нишонаи 5612, ки дар каламрави Точикистон хастанд, такрибан 2,9 км ба гарб аз баландии бо нишонаи 5493, ки дар каламрави Хитой мебошад, вокеъ аст.

Аз нуктаи ёздахуми марзи хати сархади давлатии Хитою Точикистон бо тегаи каторкухи Сарикул (каторкухи беном) ба самти умумии чанубу шарк аз тарики агбаи Карозок (Саар) бо нишонаи 5227 (агбаи беном), баландихои бо нишонахои 5653, 5663 ва 5687 то баландии бо нишонаи 5382 (куллаи Чункарачилга-Тоо) меравад, сипас гардиш намуда, ба самти гарб то нуктаи дувоздахуми марзи мерасад. Ин нуктаи марзи дар тегаи каторкухи Сарикул (каторкухи беном) дар баландии беном дар масофаи такрибан 2,1 км ба шарк ва чанубу шарк аз баландии бо нишонаи 5357 ва такрибан 1,5 км ба чануб ва чанубу шарк аз баландии бо нишонаи 5343, ки дар каламрави Точикистон хастанд, такрибан 2,9 км ба шимол ва шимолу гарб аз баландии бо нишонаи 4966, ки дар каламрави Хитой мебошад, вокеъ аст.

Аз нуктаи дувоздахуми марзи хати сархади давлатии Хитою Точикистон бо тегаи каторкухи Сарикул (каторкухи беном) ба самти чануб ва чанубу гарб аз тарики баландии бо нишонаи 5033, агбаи Чумбагиш (Коксай-Лунанбел) бо нишонаи 4719 то баландии бо нишонаи 4952 меравад, сипас гардиш намуда, ба самти чанубу шарк аз тарики баландихои бо нишонахои 4782 ва 4677, агбаи беном (агбаи Чонбайши-Танбел) бо нишонаи 4584 то нуктаи сездахуми марзи мерасад. Ин нуктаи марзи дар тегаи каторкухи Сарикул дар баландии беном дар масофаи такрибан 1,8 км ба шимол ва шимолу шарк аз баландии бо нишонаи 4779 ва такрибан 2,5 км ба шарк ва шимолу шарк аз баландии бо нишонаи 4656, ки дар каламрави Точикистон хастанд, такрибан 1,1 км ба чанубу гарб аз баландии бо нишонаи 4662, ки дар каламрави Хитой мебошад, вокеъ аст.

Аз нуктаи сездахуми марзи хати сархади давлатии Хитою Точикистон бо тегаи каторкухи Сарикул ба самти чануб ва чанубу шарк аз тарики баландихои бо нишонахои 4736, 4893 ва 4934 то нуктаи чордахуми марзи мерасад. Ин нуктаи марзи дар агбаи Узбел бо нишонаи 4636 дар масофаи такрибан 2,9 км ба

шарк ва чанубу шарк аз баландии бо нишонаи 4494, ки дар каламрави Точикистон хастанд, такрибан 1,9 км ба чанубу гарб аз баландии бо нишонаи 4868 ва такрибан 2,6 км ба гарб ва чанубу гарб аз баландии бо нишонаи 4562, ки дар каламрави Хитой мебошанд, вокеъ аст.

Хати сархади давлати байни Хитою Точикистон , ки дар боло тавсиф гардид, бо ранги сурх ба харитахои микёси 1:50 000, ки якчоя тахия шудаанд, гузаронида шуд. Тамоми масофахо, ки дар тавсифи хати сархади давлати зикр шудаанд, бо ин харитахо андозагири шудаанд.

Харитахои номбурда, ки ба онхо бо ранги сурх хати сархади давлатии байни Хитою Точикистон гузаронида шудааст, ба ин Созишнома замима мешаванд ва чузъи чудонашавандаи он мебошанд.

## МОДДАИ 3

Тарафхои Ахдкунанда ба зарурати идомаи гуфтушунидхо барои халли масъалахои гузариши хати сархади давлати байни Хитою Точикистон аз нуктаи чордахуми марзи то нуктаи пайванди сархадхои давлатии Чумхурии Халкии Хитой, Чумхурии Точикистон ва Давлати Исломии Афгонистон мутобики моддаи 1-и ин Созишнома мувофикат намуданд.

## МОДДАИ 4

Ба максади мукаррар намудани хати сархади давлатии байни Хитою Точикистон дар мавзее, ки дар моддаи 2-и ин Созишнома зикр шудааст, Тарафхои Ахдкунанда тасмим гирифтанд, бар пояи баробар Комиссияи муштараки демаркатсиониро ташкил намоянд ва ичрои демаркатсияи сархад ва мувофики ин Созишнома дар махал муайян намудани мавкеи дакики хати сархади давлати, гузоштани нишонахои сархади, омода намудани лоихаи санадхо дар бораи демаркатсияи сархад, тахия намудани харитахои муфассали демаркатсиони ва инчунин халли масъалахои мушаххаси

гуногунро, ки ба ичрои вазифахои мазкур вобастаги доранд, бар ухдаи ин Комиссия вогузор созанд.

**МОДДАИ 5**

Тарафхои Ахдкунанда мувофикат намуданд, ки хати сархади давлатии байни Хитой ва Точикистон, ки дар моддаи 2-и ин Созишнома тавсиф гардида аст, дар каторкуххои марзи аз бахшгохи об, ки мавкеи дакики он хангоми демаркатсияи сархад байни Хитой ва Точикистон муайян мегардад, мегузарад.

**МОДДАИ 6**

Тарафхои Ахдкунанда мувофикат намуданд, ки нуктахои пайванди сархадхои давлатии Чумхурии Халкии Хитой - Чумхурии Точикистон - Чумхурии Киргизистон ва Чумхурии Халкии Хитой - Чумхурии Точикистон - Давлати Исломии Афгонистонро давлатхои дахлдор ба таври алохида муайян хоханд кард.

**МОДДАИ 7**

Тарафхои Ахдкунанда мувофикат намуданд, ки хати сархади давлатии Хитой ва Точикистон, ки дар махал демаркатсия шудааст, дар самтхои амуди харими хавои ва каъри заминро низ марзбанди мекунад.

**МОДДАИ 8**

Хар гуна тагйироти табии, ки метавонад дар минтакаи наздисархади ба вучуд ояд, агар Тарафхои Ахдкунанда мувофикати дигаре нанамоянд, боиси тагйирот дар вазъи хати дар махал демаркатсияшудаи сархади давлатии Хитой ва Точикистон нахохад шуд.

## МОДДАИ 9

Ин Созишнома бояд мавриди тасвиб карор гирад ва аз рузи мубодилаи тасвибномахо эътибор пайдо мекунад. Мубодилаи тасвибномахо дар муддати кутохтарин дар шахри Душанбе ба амал хохад омад.

Ин Созишнома дар шахри Далян "13" августи соли 1999 дар ду нусха ба забонхои хитои, точики ва руси ба имзо расид. Дар сурати ихтилоф дар тафсири ин Созишнома Тарафхои Ахдкунанда ба матнхои руси ва хитои эътимод хоханд кард.

**АЗ ЧОНИБИ ЧУМХУРИИ ХАЛКИИ ХИТОЙ**

江泽民

**АЗ ЧОНИБИ ЧУМХУРИИ ТОЧИКИСТОН**